ХУЛОСАИ ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН АЗ РӮЙИ ДИССЕРТАТСИЯ БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМИИ ДОКТОРИ ФАЛСАФА (PhD) – ДОКТОР АЗ РӮЙИ ИХТИСОС

Парвандаи аттестатсионии №_____

Қарори шурои диссертатсионӣ аз 31.10.2026, №77

Барои сазовор донистани Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент.

Диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент, санаи 13 - уми июни соли 2026 таҳти протоколи №72, Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Буни Ҳисорак), барои ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович, санаи таваллуд 28-уми апрели соли 1987, соли 2010 Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмат аз рӯйи ихтисоси низоми технологияи иттилоотӣ хатм кардааст. Солҳои 2013-2015 зинаи магистратураро аз рӯи ихтисоси “Технологияҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёт” дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил намудааст. Соли 2015 дар кафедраи менеҷмент ва маркетинг Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳайси докторант, доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент қабул гардида, зинаи мазкурро соли 2018 хатм намудааст.

Диссертатсия дар кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Одиназода Шоҳин Талбак, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, муовини директор оид ба илм, таълим ва тайёр кардани кадрҳои илмии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

Муқарризони расмӣ:

- **Мирсаидов Саидакмал Аврорович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, муовини авval, муовини ректор оид ба таълими Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;

- **Абдулов Дилшод Назарович** - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти рақамӣ ва идоракунии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ;

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, дар тақризи мусбати худ, ки аз тарафи Раҳимов Ҳ.С. - н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти инноватсионӣ ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, дар ҷаласаи кафедраи менеҷменти инноватсионӣ ва соҳибкории Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур аз 24-уми сентябри соли 2026, суратмаҷлиси кафедра №02 баррасӣ гардида, аз тарафи ректори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур, доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Маҳмадёрзода У.М. санаи 28-сентябри соли 2026 тасдиқ шудааст.

Муассисаи пешбар дар тақризи худ қайд кардааст, ки тағйирёбии шароити фаъолияти иқтисодӣ дар солҳои охир ба раванди идоракунӣ ва натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои кишоварзӣ таъсири бештар расонида истодааст. Ноустувории бозор, тағйирёбии вазъи молиявӣ, рушди босуръати технологияҳо ва тағйироти институтсионалӣ субъектҳои аграриро водор месозанд, ки ҳангоми қабули қарорҳо на танҳо ба натиҷаҳои имрӯза, балки ба дурнамои рушди фаъолияти худ низ таваҷҷуҳ намоянд. Аз ин нуқтаи назар, татбиқи принсипҳои идоракунии стратегӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Бинобар ин, андешаҳои болозикр муҳим будани таҳқиқоти илмии мавзуи кори илмиро нишон медиҳанд ва дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии масоили марбута мавриди омӯзиш ва таҳлилу арзёбии амиқ қарор дода шудаанд.

Бо дар назардошти нуқтаҳои зикргардида муассисаи пешбар интихоби мавзуъ, аҳамияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент кори илмӣ-таҳқиқотии мукаммал ва мустақилона баанҷомрасида ҳисобида, қайд менамояд, ки дар он натиҷаҳои нави илмӣ ва амалии аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ба даст оварда шудаанд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович овардашуда ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии хориҷию ватаниро оид ба назария ва амалияи масъалаҳои идоракунии стратегии рушди корхонаҳо дар заминаи ҳамгироии комплекси агросаноатӣ бахшидаанд, ташаккул медиҳанд. Хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи

таҳқиқот барои роҳандозии натиҷаҳои илмӣ дар амалия дар заминаи таҳлили назариявию таҷрибавӣ муайян гардида, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро исбот мекунад.

Асосҳои овардашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович дар мавзуи «Идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таҳияи диссертатсияҳо аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент: б. 9. Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявию методии идоракунии ташкилот. Муҳтавои вазифавии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуҳлат, миёнамуҳлат ва кутоҳмуҳлати идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ ва стратегӣ. Идоракунии ташкилот аз руйи марҳилаҳои ҳаётии он; б.12. Арзёбии идоракунии ташкилот ҳамчун низоми иҷтимоӣ ва иқтисодӣ. Меъёри арзёбии самаранокии идоракунӣ. Методҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷабахшии идоракунӣ; б. 15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Муалифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент мебошад.

Автореферати диссертатсияи Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Муҳимтарин интишороти муаллиф доир ба мавзуи диссертатсия:

А) Мақолаҳои чопшуда дар нашрияҳои бақайдгирифтаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони аслӣ)

[1-М] Абдусаломов Ф.А. Региональная специализация сельскохозяйственного производства Таджикистана. [Текст] / М.Д. Шоазизова., Ф. А. Абдусаломов., М. Ф. Хуррамова., С. Джалилзода // Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон. - № 3(49) 2016. Саҳ.49-52.

[2-М] Абдусаломов Ф.А. Арзёбии идоракунии стратегии корхонаҳои кишоварзии агросаноатӣ. [Матн] / Ф.А.Абдусаломов // Паёми ДМТ.- № 2/8(215) 2016. Саҳ.126-129.

[3-М] Абдусаломов Ф.А. Зарубежный опыт государственного регулирования аграрного сектора. [Текст] / Ш.Т. Одинаев, К.И. Изатов, Ф.А.Абдусаломов // Паёми ДМТ- № 2/10(219) 2016. Саҳ.244-249.

[4-М] Абдусаломов Ф.А. Хусусиятҳои стратегии идоракунии рушди корхонаҳои КАС. [Матн] / Ф.А.Абдусаломов // Паёми ДМТ. - № 2/6 2017. Саҳ.52-56.

[5-М] Абдусаломов Ф.А. Кластеризатсия самараи мусбии ташаккули корхонаҳо, инчунин асоси рушди инноватсионӣ ва рақобатпазирии минтақа. [Матн] / Ф. А. Абдусаломов, Ш.Т. Одинаев // Паёми ДМТ. - № 2/7, 2017. Саҳ.82-85.

Б). Интишорот дар дигар маҷаллаҳои илмӣ

[6-М] Абдусаломов Ф.А. Осебенности неэластичного спроса на селскохозяйственную продукцию и его влияние на результативность дехканского (фермерского) хозяйства. [Текст] / Н.Н. Сафарова., Ф.А.Абдусаломов., М.А. Ҳайитова // Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Таҳлили ҳадди ақали сабади истеъмолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон) Институти иқтисодиётм кишоварзии АИКТ, н. Рудаки, 14 марти соли 2016. №3 Саҳ.131-137.

[7-М] Абдусаломов Ф.А. Сиёсати аграрии давлат дар раванди ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ. [Матн] / Ш.Т. Одинаев., М.М. Назаров., Ф.А.Абдусаломов., // Маводҳои конфренсияи илмию амали ҷумҳуриявӣ. (Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо маҳсулоти худӣ ва роҳҳои ҳалли он) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Турсунзода, 01 марти соли 2016. №99 Саҳ.26-35.

[8-М] Абдусаломов Ф.А. Устойчивое развитие сельского хояйства как условия обеспечение продовольственной безопасности страны. [Текст] / А.Б. Мирсаидов., Н.Б. Файзов., Ф.А.Абдусаломов., // Маводҳои конфренсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо маҳсулоти худӣ ва роҳҳои ҳалли он.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш.Турсунзода, 01 марти соли 2016. №99 Саҳ.43-55.

[9-М] Абдусаломов Ф.А. Нқшаи соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти оҳуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / Ф.А.Абдусаломов // Маводҳои конфренсияи илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ бо маҳсулоти худӣ ва роҳҳои ҳалли он.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Турсунзода, 01 марти соли 2016. №99 Саҳ.254-263.

[10-М] Абдусаломов Ф.А. Рушди инфрасохтори бозори маҳсулоти кишоварзӣ. [Матн] / Ш.Т. Одинаев., М.М. Назаров., Ф.А. Абдусаломов // Маводҳои семинари илмию амалии ҷумҳуриявӣ (Таҳлил ва арзёбии иқтисодии рушди боғу токпарварӣ дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Душанбе, 12 январи соли 2017. №5 Саҳ.29-35.

[11-М] Абдусаломов Ф.А. Такмили танзими давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ дар КАС. [Матн] / Ф.М. Алимова., Ф.А. Абдусаломов., Р.Ш. Бозориев // Маводҳои мизи мудаввар (Таҳлили ҳолати бозори маҳсулоти кишоварзӣ дар шароити муносибатҳои нави иқтисодӣ.) Институти иқтисодиёти кишоварзии АИКТ, ш. Душанбе, 2017. №5 Саҳ.170-178.

[12-М] Абдусаломов Ф.А. Развитие аграрного производство в условиях обеспечения продовольственной безопасности. [Текст] / М.М. Назаров., Н.С. Шарипов., Ф.А. Абдусаломов // Материалы Республиканской научно - практической конфренции (Развитие стабильной энергетики в годы независимости.) 22-23 декабря 2016 года, Хатлонская область, Бохтарский район, Республики Таджикистан. Посвященный праздванию дня энергетиков и 10-летия Института энергетики Таджикистана. 2016. Саҳ.254-261.

[13-М] Абдусаломов Ф.А. Изучение мирового опыта регулирования аграрного производства. [Текст] / М.Ш. Одинаев., Ш.Д. Рахимзода., Ф.А. Абдусаломов // Маводхои конференстяи илмии Ҷуиҳуриявӣ. (саҳми олимони ҷавон дар рушди илми кишоварзӣ) ш. Душанбе, 2017. Саҳ.260-267.

[14-М] Абдусаломов Ф.А. Пути обеспечения устойчивого развития аграрного сектора. [Текст] / Ф.М. Аминова., Ф.М. Алимова., Ф.А. Абдусаломов // Маводҳои семинарии илмию амалии минтакави. (Арзёбии иктисодии маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои озуқаворииҶумҳурии Тоҷикистон). ш. Душанбе, 12 январи соли 2017. №5 Саҳ.339-350.

[15-М] Абдусаломов Ф.А. Основные пути регулирования продовольственного рынка. [Текст] / Дж.С. Пиризода., Ф.А. Абдусаломов., Ш.С. Зайнуллоев., Т.С. Рахимова // Маводҳои семинарии илмӣ – амалии минтакави (роҳҳои ба танзим даровардани нарх дар бозори махсулоти кишоварзӣ), ш Душанбе 07 феврали соли 2018с. №6 Саҳ.3-10.

[16-М] Абдусаломов Ф.А. Совершенствование форм и механизмов производственно- территориальной организации продовольственного комплекса (на примере Согдийской области). [Текст] / З.Г. Бабаджанова., Ф.А. Абдусаломов // Маводҳои мизи мудаввари илмию амалӣ (дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ омили асосии таъмини амнияти озуқаворӣ). ш. Душанбе 31 январи 2019с. №6 Саҳ.196-208.

[17-М] Абдусаломов Ф.А. Эффективность обеспечения населения продовольственными продуктами. [Текст] / Косим Тоирзода., Ш.И. Давлатов., Ф.А. Абдусаломов // Маҷаллаи назариявӣ ва илмию истеҳсолӣ. Кишоварз -№-1(81). ш. Душанбе.- 2019с. Саҳ.192-195.

[18-М] Абдусаломов Ф.А. Усулҳои гуногуни идоракунии рушди корхонаҳои КАС. [Матн] / Ф.А. Абдусаломов., Н.Н. Сафарова., О.М. Муродалиев // Маводҳои семинарии илмию амалии минтақавӣ дар мавзӯи

“Роҳҳои дастгирии давлатии бахши хусусӣ дар соҳаи кишоварзӣ“. н. Рӯдакӣ 29 июли соли 2022. Саҳ. 129-139.

[19-М] Абдусаломов Ф.А. Равандҳои рушди инноватсионии комплекси агросаноатӣ. [Матн] / О.О. Исломиён., Ф.А. Абдусаломов., С. Аюбҷони // Маводҳои семинарии ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи “Иттилооти босифат – омили ҷалби сармоя ба соҳаҳои комплекси агросаноатӣ” №-1 АИКТ 12 майи соли 2023. Саҳ. 100-109.

Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:

1. Бобозода К.О. – д.и.и., директори Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ бо чунин эрод:

- дар автореферат аз ҷониби муаллиф ба масъалаҳои ташаккул ва татбиқи стратегияҳои рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, инчунин омилҳои таъсиррасон ба фаъолияти онҳо таваҷҷуҳи зарурӣ дода шудааст, аммо масъалаи арзёбии самаранокии татбиқи стратегияҳои пешниҳодгардида ва нишондиҳандаҳои мушаххаси натиҷабахшии онҳо метавонист муфассалтар инъикос карда шавад.

2. Қодирова Г.Т. – д.и.и.,, профессор, мудири кафедраи менеҷменти байналмилалии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод:

- дар автореферат масъалаҳои идоракунии стратегии рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ баррасӣ шудаанд, аммо роҳҳои татбиқи стратегияҳои дарозмуддати рушди корхонаҳо пурра асоснок мегардид, кори илмӣ хубу беҳтар мешуд.

3. Хайрзода Ш.Қ. - д.и.и, профессор, ректори Донишгоҳи давлатии Данғара бо чунин эрод:

- унвонҷӯ баъзе омилҳои таъсиррасон ба ташаккул ва татбиқи стратегияи рушди корхонаҳои комплекси агросаноатӣ ба таври муфассалтар метавонистанд мавриди баррасӣ қарор гиранд.

4. Ҳамдамзода Х.А. - д.и.и, профессор, муовини аввали ректор оид ба таълими «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» бо чунин эрод:

- Дар автореферат оварда мешавад, ки маблағгузорӣ дар соҳаи кишоварзии минтақаи вилояти Хатлон ҳамчун воситаи муҳимтарин ва механизми дастгирии давлатӣ арзёбӣ шудааст, ки ба таври васеъ асоснок нагардидааст.

5. Қаюмӣ Ш.Т - д.и.и, профессор, директори Муассисаи “Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо чунин эрод:

- дар автореферат омилҳои хавф ва таҳдидҳои ба идоракунии стратегии рушди корхонаҳои КАС таъсиррасон ба таври кофӣ ошкор нашудаанд.

Дар умум, норасоиҳое, ки мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба сифати автореферати такризшаванда таъсири манфӣ расонида наметавонанд ва ин норасоиҳоро муаллиф метавонад, ҷиҳати таҳқиқи амиқи масъалаи баррасишаванда дар пажӯҳишҳои минбаъда ба инобат гирад.

Интихоби муқарризони расмӣ дар асоси пешниҳоди комиссияи ташхисии Шурои диссертатсионӣ, инчунин, бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувори онҳо дар доираи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии стратегии корхонаҳои агросаноатӣ ва системаҳои ҳамгироии онҳо мебошад, ки мавҷудияти интишороти онҳо дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо розигии шахсии муқарризон барои пешниҳоди тақриз тасдиқ шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро баҳо диҳад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- **коркард карда шуд:** ҷиҳати идоракунии стратегии рушди корхонаҳо дар заминаи такмили механизми рушди комплекси агросаноатии кишвар арзёбӣ гардида, амалишавӣ ва тамоюлҳои рушди фарзияи номбурда дар мисоли комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2014-2023 натиҷагирию хулосабарорӣ шудааст.

- **пешниҳод карда шуд:** устувории стратегияи рушди корхонаҳои аграрӣ дар асоси равандҳои интегратсионӣ гузаронида шуда, усули ҳамаҷонибаи ташаккул ва татбиқи системаи идоракунии стратегии корхонаҳо дар маҷмааи агросаноатӣ ба роҳ монда шавад.

- **исбот карда шуд:** таҳлил ва систематизатсияи маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосӣ ва иловагии устувории стратегияи рушди корхона дар доираи модели интегратсионии идоракунӣ гузаронида шуда, муносибати комплексӣ ба фаъолияти системаи идоракунии корхонаҳои агросаноатӣ дар миқёси миллӣ ошкор карда шудааст.

- **асоснок карда шудааст:** асосҳои консептуалии идоракунии стратегии рушди корхона, муқаррароти назариявӣ, ки хусусияти фаъолияти сохторҳои агросаноатиро дар шароити муосир инъикос мекунанд.

Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок карда мешавад:

- **исбот карда шудааст**, ки раванди муносибатҳои шарикони бахши воқеии иқтисодиёт, инчунин истифодаи захираҳо дар асоси идоракунии стратегии рушд ва фаъолияти ҳамгироии иштирокчиёни занҷири технологии истеҳсолоти кишоварзӣ метавонанд таъсири хуби синергетикӣ дошта бошанд;

- **баён шудани** тамоюлоти муосир ва хусусиятҳои рушди бозори молҳои истеъмолӣ дар шароити амиқрафти муносибатҳои рақобатӣ ва низомбандии масъалаҳои рушди бозори ватанӣ ба таври возеҳу равшан асоснок карда шуда, бо такя ба таҷрибаи амалӣ ва нуқтаҳои назариявии илмии самтҳои беҳтарсозӣ ва ҳалли ин мушкилоту маҳдудиятҳо пешниҳод гардидаанд;

- **ошкор карда шудааст:** таҳлил ва систематизатсияи маҷмӯи нишондиҳандаҳои асосӣ ва иловагии устувории стратегияи рушди корхона дар доираи модели интегратсионии идоракунӣ гузаронида шуда, муносибати комплексӣ ба фаъолияти системаи идоракунии корхонаҳои агросаноатӣ дар миқёси миллӣ.

- **омӯхта шуданд**: сарчашмаҳои оморӣ ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ тавассути истифодаи амсилаҳои математикӣ барои самаранокии фаъолияти идоракунӣ. Зеро маҳз ҳамин маълумотҳо имкон додааст, ки оид ба масоили рушди стратегии идоракунии комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла таҳлилу баҳодиҳиҳоро доир намуда, хулоса ва натиҷагириҳо намояд.

- **аз нав такмил додани** стратегияи дарозмуддати рушди ҳамаҷонибаи субъектҳои хоҷагидори комплекси агросаноатӣ дар асоси татбиқи лоиҳаи алоҳидаи сармоягузорӣ, ки ҳадафи он ноил шудан ба рушди устувор, баланд бардоштани устувории молиявӣ ва ҳавасмандгардонии талаботи самаранок ба маҳсулоти кишоварзӣ мебошад.

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад:

- **коркард ва ҷорӣ карда шуд:** таҳқиқоти диссертатсионӣ маҷмӯи пешниҳодҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии илман асоснокшударо оид ба идоракунии стратегии корхонаҳои агросаноатӣ ва системаҳои ҳамгироии онҳо мебошад, ки ба таъмини устувории молиявӣ ва оптимизатсияи истифодаи захираҳои сармоягузорӣ равона карда шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки маводҳо, хулоса ва тавсияҳои илмии пешниҳодгардидаро Кооперативи тиҷоратии “Муҳсинҷон”-и ноҳияи Данғара (Маълумотномаи Кооперативи тиҷоратии “Муҳсинҷон”-и ноҳияи, №02 аз 11.06.2025) ва Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Санади

Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои киҷоварзии Тоҷикистон №02 аз 11.02.2025) тасдиқ намудааст;.

- **муайян карда шуданд**: низом ва хусусиятҳои идоракунии идоракунии стратегии рушди корхонаҳои кишоварзӣ дар шароити бӯҳрони сармоягузорӣ муайян карда шуда, инчунин барои пурзӯр намудани фаъолияти истеҳсолии онҳо ва таҳкими низоми идоракунӣ тадбирҳои самарабахш пешниҳод карда шуданд;

- **офарида шуд:** модели иқтисодӣ оид ба робитаи байни нишондиҳандаҳои асосии самаранокӣ ва сатҳи таъминоти захиравии корхонаҳои кишоварзиро, ки ба ҳавасмандгардонии фаъолияти истеҳсолии хоҷагии онҳо ва баланд бардоштани самаранокии қарорҳои идоракунӣ имконият медиҳад.

- **муаррифӣ карда шуд**: заминаи методии баҳодиҳии идоракунии стратегии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, инчунин самаранокии иқтисодӣ ва рақобатпазирии маҳсулот асоснок карда шудааст; шарҳи муаллиф, ки моҳияти хусусиятҳои идоракунии стратегиро дар шароити хусусиятҳои соҳаи агросаноатӣ ошкор мекунад.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки:

- **назария:** Аҳамияти назариявии рисолаи илмӣ дар он зуҳур мекунад, ки хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи диссертатсия барои рушди комплекси агросаноатӣ ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои ноилшудаи рисоланависро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асосноккунии самтҳои идоракунии рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ истифода баранд;

- **ғоя асоснок шудааст:** дар асоси муқаррароти назариявию консептуалии олимони хориҷию ватанӣ оид ба ташаккул ва рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозор, дар заминаи амалишавии ҳадафу мақсадҳое, ки дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумони кишвар, “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, муайян шудаанд, маводҳои конференсияҳои гуногун, маводи таҳлилӣ ва таҳқиқотӣ, маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва захираҳои иттилоотии шабакаи “Internet” асоснок шудааст;

- **истифода шудаанд:** дар раванди коркард ва таҳлили маълумот дар тадқиқот истифодаи воситаҳои гуногун, аз ҷумла консептуалӣ-мантиқӣ монографӣ, ҳисоботӣ-конструктивӣ, усулҳои сотсиологӣ, инчунин таҳлилу синтез ва таҳқиқоти иқтисодӣ – оморӣ истифода шуданд;

- **муайян шудаанд:** заминаи методии баҳодиҳии идоракунии стратегии корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, инчунин самаранокии иқтисодӣ ва рақобатпазирии маҳсулот асоснок карда шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:

- таҳияҳои илмии довталаб барои рушди комплекси агросаноатӣ ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои ноилшудаи рисоланависро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асосноккунии самтҳои идоракунии рушди комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ истифода баранд;

- аз рӯйи мавзуи таҳқиқот 19 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидааст;

- қисматҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ба тасвиб расидаанд.

Дар ҷаласа аз 31-уми октябри соли 2026 шурои диссертатсионӣ барои сазовор донистани Абдусаломов Фарҳод Абдуҷаборович ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D050701 – менеҷмент қарор қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар узви Шуро 14 нафар иштирок доштанд, 5 нафар мутахассис аз рӯйи диссертатсияи баррасишаванда. Аз 14 нафар узви шуро, ки овоз доданд: тарафдор 13 нафар, муқобил 1, бюллетенҳои беэътибор нест.

Раисикунандаи ҷаласа,
д.и.и., профессор — Собирзода Н.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
н.и.и., дотсент — Гулов Ш.М.

“31” октябри соли 2026